“Тасдиқ мекунам”
Ректори Муассисаи давлатии таълмии
“Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи
академик Бобоҷон Ғафуров”
_______________ дотсент Набизода М.С.
“___” 10/03 ______2026 с.

## ТАҚРИЗИ МУАССИСАИ ПЕШБАР

Ба рисолаи диссертатсионии Ёқубзода Шокир Абулфаз дар мавзӯи “Хусусиятҳои пайдошавии равандҳои ярчӣ дар водии рӯди Сурхоб бо назардошти таъсироти сейсмикӣ” барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои геология ва минералогия аз рӯйи ихтисоси 1.6.35. Геологияи инженерӣ, яхбандишиносӣ ва хокшиносӣ

**1. Мутобиқати диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ.** Диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмии 1.6.35. Геологияи инженерӣ, яхбандишиносӣ ва хокшиносӣ мувофиқат мекунад:

Мундараҷаи таҳқиқоти диссертатсия бо бандҳои 12, 16 ва 17 – шиносномаи ихтисоси мазкур мутобиқат доранд.

Банди 12. Моделсозии физикӣ, математикӣ, аналогӣ (монанд) ва дигар равандҳои геологӣ, геокриологӣ ва инженерӣ-геологӣ, пешгӯикунии инкишоф дар вақт ва фазо, арзёбӣ ва идоракунии хавфу хатарҳои геологӣ.

Банди 16. Ноҳиябандии инженерӣ-геологӣ ва геокриологии ҳудудҳо, тартиб додани харитаҳои инженерӣ-геологӣ, геокриологӣ ва асосноккунӣ барои таъиноти гуногун.

Банди 17. Системаҳои геоинформатсионӣ ва технологияҳои геоинформатсионӣ ҳалли вазифаҳои геологияи инженерӣ, яхбандишиносӣ ва хокшиносӣ мутобиқат мекунад.
геоэкологӣ, системаҳои иттилоотӣ дар геоэкология.

**2. Мубрамии мавзуи таҳқиқ.** Дар замони имруз бунёди иншооти гидротехникӣ бахри ноил гардидан ба соҳибистиқлолии комили энергетикии кишвар дар яке аз вазифаҳои калидиест, ки назди давлату Ҳукумати Тоҷикистон истодааст. Ҳадафи чаҳоруми стратегияи давлатии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ин саноатикунонии босуръати кишвар маҳсуб мешавад. Аз ин лиҳоз, бунёди иншооти гидротехникӣ ва азхудкунии онҳо бо мақсади ба даст овардани неруи барқ ба мушкилоти муайян мувоҷеҳ мебошад. Ғайр аз ташаккули табиии нишебиҳои водиҳои рӯдҳои кӯҳӣ, ки ба пайдошавии қитъаҳои ноустувори нишебиҳо ва ҷойивазкунии қаъри водиҳо оварда мерасонад, тамоми ҳудуди Тоҷикистон гирифтори таъсироти ҷӣ хурд ва ҷӣ бузурги заминҷунбиҳо мегардад.

Ба сифати мавзеи таҳқиқотӣ барои баҳодиҳии эҳтимолияти пайдошавии ярчҳо ҳангоми заминҷунбиҳои баландшиддат ҳавзаи рӯди Сурхоб интихоб гардидааст. Ин бе сабаб нест, зеро ки ин мавзе давомбахши шарқии каскади НБО дар рӯди Вахш маҳсуб мешавад. Дар мадди аввал, чӣ аз нуқтаи назари тараққии равандҳои ярчӣ ва чӣ аз нигоҳи баҳодиҳии фаъолнокии сейсмикӣ мавзе ба таври мукаммал омӯхта нашудааст. Дуввум, аз нуқтаи назари тараққиёти устувори иқтисодӣ ноҳияи мазкур ва минтақаи таҳқиқотӣ дар ҳудуди Тоҷикистон мавзеи муҳим маҳсуб мешавад ва дар ояндабинии наздик баҳодиҳии амиқро дар хусуси бехатарии он талаб мекунад.

**3. Дараҷаи асоснокунии гузоришҳои илмӣ, хулосаю пешниҳод, ки дар диссертатсия оварда шудаанд.** Натиҷаҳои асосии диссертатсия дар конференсияи ҷумҳуриявии илмию назариявӣ ва конференсияи байналмилалии илмӣ–амалӣ рӯйи чоп оварда шудаанд.

**Хулосаҳо, ки дар диссертатсия оварда шудаанд:**
Дар натиҷаи таҳқиқот натиҷаҳои асосии илмӣ ва амалӣ ба даст оварда шуданд:

1. Амалӣ гардидани равиши мукаммалу ҳамгироёна барои омӯзиши равандҳои муҳандисӣ-геологӣ ва сейсмогенӣ, ки ба асоси усулҳои таҳлили иттилооти геоишоравӣ, аксбардории масофавӣ, моделсозии эҳтимолӣ ва харитасозии махсус такя мекунад. Истифодаи ин равиш имкон дод, ки ҳадафҳои гузошташуда иҷро ва вазифаҳои асосии диссертатсия ҳалли худро ёбанд.

2. Дар ҷараёни таҳқиқ муайян гардид, ки қонуниятҳои фазой-замонии рушди лағзишҳо ба параметрҳои таъсири сейсмикӣ, хусусиятҳои литологӣ-сохторӣ нишебӣ ва шароити геоморфологии минтақа сахт вобастаанд. Муайян карда шуд, ки эҳтимолияти фаъолшавии деформатсияҳои нишеб аз шиддати заминҷунбӣ вобастагии миқдорӣ дорад, ки ин имкон дод, модели эҳтимолии арзёбии хатарнокии сейсмикӣ барои ҳавзаи рӯди Сурхоб пешниҳод гардад.

3. Маълумотҳо пойгоҳи геологӣ САГ таҳия ва таъсис дода шуданд, ки маълумоти муҳандисӣ-геологӣ, геодинамикӣ ва морфометриро дар бар мегирад, дар асоси ин пойгоҳ харитасозии минтақаҳои эҳтимолан хатарноки лағзишӣ иҷро гардида, ҷаҳор категорияи нишебҳо аз рӯи дараҷаи устувории онҳо ҷудо карда шуданд: фаъол, пинҳон (латентӣ), нисбатан устувор ва устувор. Натиҷаҳои бадастомада заминаи ноҳиябандии минтақавӣ аз рӯи дараҷаи хавфи лағзишро ташкил медиҳанд, ки барои истифодаи муҳандисии ҳудуд аҳамияти амалӣ доранд.

4. Бори аввал барои минтақаи таҳқиқшуда барномаи CRISIS 2015 барои арзёбии эҳтимолии хатарнокии сейсмикӣ тибқи стандартҳои байналмилалӣ истифода гардид. Ин имконият дод, ки моделҳои анъанавии детерминистӣ дақиқтар гардонида шуда, усули ҳисобҳои пешгӯии эҳтимолияти фаъолшавии лағзишҳо дар ҳолатҳои гуногуни таъсири сейсмикӣ асоснок карда шавад.

5. Таҳлили сейсмикӣ нишон дод, ки фаъолияти сейсмогенӣ ҳам дар паҳлӯи хатҳои тектоникӣ ва ҳам дар шакли сейсмикии пароканда (диффузӣ) зоҳир мегардад. Барои арзёбии хатарнокии сейсмикӣ усули эҳтимолӣ истифода гардид, ки се намуди манбаҳоро дар бар мегирад: хатҳои рости вайроншавӣ, минтақаҳои сейсмикии пароканда ва манбаҳои нуқтагӣ (модели Ву). Ҳисобҳои суръатбахшии сейсмикӣ бо истифода аз муодилаҳои хомӯшшавӣ аз пойгоҳи PEER NGA-West-2 ва нармафзори CRISIS 2015 иҷро гардиданд, ки сатҳи ноустувории арзёбиро коҳиш доданд.

6. Хусусиятҳои минтақавии ҳамтаъсирии омилҳои эндогенӣ ва экзогенӣ, ки фаъолшавии равандҳои лағжишро дар ҳудуди системаи кӯҳии Ҳисору Олой ва минтақаи Рашт–Лахш муайян мекунанд, мушаххас карда шуданд. Нишон дода шуд, ки ҳамбастагии ҳаракатҳои тектоникӣ, пуршавии мавсимии оби замин ва таъсири антропогенӣ сатҳи осебпазирии нишебиҳоро махсусан дар минтақаҳои роҳҳои нақлиётӣ ва маҳалҳои аҳолинишин меафзояд.

7. Таҳлили лағжишҳои сейсмогенӣ ва равандҳои фурӯравӣ, аз ҷумла мисолҳои таърихӣ (масалан, заминҷунбии Хоит соли 1949), гузаронида шуд, ки имкон дод механизмҳои ташаккули онҳоро равшан намуда, ҳассосияти баланди минтақаҳои деформатсияи қадима ва муосирро нисбат ба таъсироти такрории сейсмикӣ исбот намояд.

**Тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқот:**

Дар ҷараёни омода ва таҳиясозии диссертатсия унвонҷу чанд натиҷаи хуб ва назаррасро ба даст овардааст. Он натиҷаҳои асосие, ки дар диссертатсия оварда шудааст, дар конфронсҳои гуногуни байналмилалӣ ва ҷумҳуриявӣ ба нашр расидаанд: Конфронси байналмилалии илмӣ-амалӣ дар мавзуи «Нақши олимони ҷавон дар рушди илм, инноватсия ва технология» (ш. Душанбе, соли 2017); Конфронси ҷумҳуриявии илмӣ-амалӣ дар мавзуи «масъалаҳои геология ва коркарди конҳои канданиҳои фоиданок», бахшида ба «Бистсолагии омӯзиш ва рушди илмҳои табиӣ, дақиқ ва риёзӣ дар соҳаи илм ва маориф (солҳои 2020-2040)» (30 октябри соли 2024); Конфронси ҷумҳуриявии илмӣ-амалӣ дар мавзуи «Масъалаҳои геология: дурнамо ва роҳҳои рушд» (Данғара, соли 2024) ва дигар чорабиниҳои илмӣ.

**4. Навгонии илмий таҳқиқот.** Дар асоси гузаронидани таҷрибаву таҳқиқотӣ саҳроӣ ба унвонҷу даст додааст, ки ба як қатор навгониву натиҷаҳои хуби илмиву амалӣ ва назариявиро ноил гардад:

- дар самти назариявӣ нововарии таҳқиқот таҳлили робитаи равандҳои ярчиро дар нишебиҳо бо таъсири сейсмикӣ дар минтақаҳои мавриди таҳқиқ дар асоҫи базаи муосири САГ-и таҳиягардидаи минтақаи таҳқиқотӣ ташкил медиҳад.
- дар ҷанбаи методологии нововарии таҳқиқот бошад, усули

истифодаи таҳлили стандартии эҳтимолии хатари сейсмикӣ бо истифода аз барномаи махсуси CRISIS 2015 барои арзёбии эҳтимолияти пайдошавии равандҳои ярчӣ дар нишебиҳо дар назар дошта шудааст.

-бори аввал аз ҷониби унвонҷу натиҷаҳои хубу назаррас дар бобати баҳодиҳии хавфи сейсмикии ҳавзаи рӯди Сурхоб, ки аз лиҳози сейсмикӣ фаъолтарин дар қаламрави Тоҷикистон маҳсуб меёбад, бо истифода аз стандартҳои муосири ҷаҳонӣ, аз ҷумла арзёбии эҳтимолӣ, ки имкон дод, эҳтимолияти ҳодисаҳои ярч дар нишебиҳои ин мавзеъ бо таъсири сейсмикӣ баҳо дода шавад, ба даст оварда шуданд.

- аз ҷониби унвонҷу бори нахуст базаи мукаммали натиҷаҳои маводи харитасозии эҳтимолияти пайда шудани ҳодисаҳои ярч дар зери таъсири сейсмикӣ, ки асосноккунии илмӣ-методӣ барои шароите, ки дастовардҳои максималиро дар ҳар як марҳилаи пешгӯии касбӣ таъмин менамоянд, таҳия ва омода карда шуданд.

**5. Аҳамияти илмӣ, амалӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоии натиҷаҳои диссертатсия.** Натиҷаҳои кори диссертатсионии ба анҷомрасонидаи унвонҷӯ Ёқубзода Ш.А. метавонанд аз ҷониби Кумитаи ҳолатҳои фавқулодда ва мудофиаи граждании назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар таҳияву коркарди маҷмуи чорабиниҳо оид ба пешгирӣ ва коҳиш додани падидаҳои хатарноки табиӣ, инчунин дар раванди таълим ва корҳои илмии муассисаҳои таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба самтҳои геологӣ, аграрӣ ва географӣ дар вақти баргузории лексияҳо, гузаронидани дарсҳои лабораториву амалӣ истифода гарданд.

**6. Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқ, дурустӣ ва асоснокии натиҷаҳои таҳқиқ.** Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои ба дастоварда бо муҳокимаи натиҷаҳои илмии диссертатсия дар конфронсҳо, семинарҳо ва дастрас кардани тақризҳо аз мутахассисон ва коршиносони варзида оид ба масъалаҳои дар диссертатсия зикргардида тасдиқ мегардад. Инчунин, натиҷаҳои ба дастомадаи диссертатсияи илмӣ дар амалия бо назардошти арзёбии натиҷаҳо мавриди истифода қарор дода мешавад.

**7. Саҳми шахсии довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ дар таҳқиқ.** Натиҷаҳои хуби илмиву амалии диссертатсионӣ шахсан аз ҷониби унвонҷу ба таври мустақилона ва бо ҳамроҳии роҳбари илмиаш анҷом дода шудааст: гузаронидани корҳои саҳроӣ - экспедитсионӣ шахсан бо иштироки бевоситаи унвонҷу пурра ва дар сатҳи баланд ба сомон расонида шудаанд; мушоҳидаҳои визуалӣ ва таҳлили сарчашмаву манбаҳоро ба роҳ монда, коркарди натиҷаҳои корҳои саҳроӣ ва таҳлилӣ ба роҳ монда шудаанд. Харитаҳо ва маводи истифодашуда аз ҷониби довталаб рақамӣ карда шуда, дар асоси натиҷаҳои бадастомада тавсияҳо оид ба истифодаи амалӣ коркард ва таҳия карда шуданд. Дар ифшову нашри мақолаҳои муштарак саҳми шахсии муаллифи диссертатсия 50 – 70 %- ро ташкил медиҳад.

**8. Нашри натиҷаҳои таҳқиқ дар маҷаллаҳои тақризшавандаи илмӣ.** Муҳтавои асосии рисолаи диссертатсионии унвонҷӯ дар 7 адад мақолаи илмӣ, ки дар маҷаллаҳои илмӣ рӯйи чоп омаданд ва аз тарафи КОА-и назди Президенти ҶТ барои ҳимояи рисолаҳои номзадӣ ва докторӣ тавсия шудааст, нашр гардидаанд. Рӯйи чоп омадани ин мақолаҳо дар маҷаллаҳои бонуфузи илмӣ далели дар сатҳи баланди илмӣ ва навоварии ҷадид гузаронидани таҳқиқоти мазкур мебошад.

9. Арзёбии мазмуни диссертатсия ва дараҷаи ба итмом расидани он. Сохтор ва ҳаҷми диссертатсия. Диссертатсияи унвонҷу Ёқубзода Шокир Абулфайз дар мавзуи “Хусусиятҳои пайдошавии равандҳои ярчӣ дар водии рӯди Сурхоб бо назардошти таъсироти сейсмикӣ” аз муқаддима, 4 боб, хулоса ва рӯйхати адабиётҳо аз 123 сарчашма иборат буда, 16 харита ва расмро фарогир аст. Диссертатсия аз 165 саҳифаи чопи компютерӣ иборат буда, нуқтаҳои илмӣ ва натиҷаҳои диссертатсия илман асоснок буда, бо далелҳои муътамади назариявӣ-методӣ ва таҳлилӣ мустаҳкам карда шудаанд. Муҳтавои асосии диссертатсия дар мақолаҳои илмии нашргардида ва баромадҳои муаллиф дар конфронсҳои сатҳи гуногун инъикос ёфтааст.

Дар муқаддима аҳамияти мавзуи таҳқиқшаванда асоснок карда шуда, дараҷаи омӯзиши он арзёбӣ гардида, объекту мавзуи таҳқиқот, ҳадафу вазифаҳои он, асосҳои назарию методологӣ, навгониҳи илмӣ ва аҳамияти назарию амалии натиҷаҳои бадастовардашуда муайян карда шудаанд.

**Дар боби якуми диссертатсия** маълумот оид ба таҳқиқоти геологӣ, сейсмикӣ ва ярчии ҳудуд, мушоҳидаҳои сейсмометрӣ дар ҳудуди Тоҷикистон, стратиграфияи ҷинсҳои кӯҳӣ (аслӣ), тавсифи литологӣ, стратиграфии таҳшинҳои давраи чаҳорякумин, хусусиятҳои морфологии ҳудуди таҳқиқотӣ, хусусиятҳои тектоникӣ ва сейсмикӣ - зерминтақаи сохторӣ-фатсиалии ҷанубии Тоҷикистони минтақаи Помиру Олой, минтақаи Рашт-Ҳоит, тавсифи мухтасари фаъолнокии сейсмикии ҳудуди Тоҷикистон – фаъолияти заминҷунбиҳои қишрӣ, фаъолнокии заминҷунбиҳои чуқури Помиру Ҳиндукуш бо расму харитаҳо ба таври возеҳу пурра ва бо факту мисолҳои амиқ гирд оварда шудаанд.

**Дар боби дуюм** шароити муҳандисӣ-геологии минтақаи Ҳисору Олой ва пастхамии Тоҷик бо таваҷҷӯҳ ба арзёбии хатари ярч ва усулҳои харитасозии он баррасӣ шудааст. Инчунин дар ин боб ба таври мушаххас дар хусуси чорчӯбаи баландкӯҳи пастхамии тоҷик, принсипхои асосии баҳодиҳии хатари ярч ва харитасозии онҳо, методологияи рамзкушоии ҳодисаҳои ярч бо истифода аз маълумоти моҳворай, равандҳои экзогении геологӣ ва ҳодисот дар ноҳияи Рашт-Лахш (ҳавзаи рӯди Сурхоб), яруси болоии минтақаи кӯҳӣ, яруси миёнаи минтақаи кӯҳӣ, таҳкурсии қаторкӯҳи пётри як, яруси поёнии минтақаи кӯҳӣ, ҷараёнҳои селие, ки бо равандҳои атмосферӣ алоқаманданд, лағжишҳо, ярчҳо ва тармаҳои заминӣ, минтақаҳои доманакӯҳҳо

ва ғ. маълумоти пурра ва комил бо овардани факту далелҳо манзур гардонида шудааст.

**Дар боби сеюм оид ба** ҷанбаҳои асосии арзёбии таъсири хатари сейсмикӣ ба ҳудуди Тоҷикистон баррасӣ мешаванд. Аз ҷумла, таҳлили маълумоти макросейсмикие, ки барои омӯзиши фаъолияти сейсмикии минтақа истифода мешаванд, маълумоти васеъ гирд оварда шудаанд. Арзёбии хатари сейсмикии қаламрави Тоҷикистон бо назардошти хусусияти шароити геологӣ ва тектоникии минтақаи корӣ баррасӣ мешавад. Гузашта аз он, дар ин боб таърихи мухтасари арзёбиҳои қаблии хатари сейсмикӣ низ оварда шудааст, ки имкон медиҳад, динамикаи тағйиротро дар фаҳмиши таҳдид пайгирӣ кунем. Ба таҳлили эҳтимолии хатари сейсмикӣ барои ҳавзаи рӯди Сурхоб, ки барои пешгӯии ҳодисаҳои эҳтимолии сейсмикӣ ва таъсири онҳо ба муҳити зист муҳим аст, таваҷҷӯҳи махсус дода мешавад.

**Дар боби чаҳорум** оид ба баҳодиҳии бавуҷудоии равандҳои ярчӣ ҳангоми таъсироти сейсмикӣ, ярчҳои сейсмогенӣ, ярчҳои сейсмогенӣ дар нишебиҳоӣ баландкӯҳи пастхамии Тоҷик, таҳлили омилҳои асосӣ, ки ба ташаккули ярчҳо дар минтақаи таҳқиқот таъсир мерасонад, пешгӯии рушди ярч, синфи деформатсияи лағжиш, пешгӯии рушди фурӯравӣ ва резишҳо, самтҳои асосии муҳофизат аз ярч, фурӯравӣ, сел ва дигар равандҳо, типикунонии муҳандисӣ-геологии минтақа, самтҳои асосии муҳофизат аз ярч, фурӯравиҳо, сел ва дигар равандҳои табиӣ, тадбирҳои фаъол ва нофаъол, хусусиятҳои зерминтақаҳои ярчӣғфурӯравӣ, зерминтақаҳоисейсмогении ярчӣ фурӯравӣ, зерминтақаҳо дар таҳшинҳои чорякумин, зерминтақаҳо дар ҷинсҳои аслӣ, холати кунунии устувории нишебиҳо ва зумра дигар омилҳову масоил маълумоту натиҷаҳои назаррас ба қалам дода шудаанд.

Гузашта аз он, дар диссертатсия зикр гардидааст, ки ба раванди ба вуҷуд омадани ярчҳои чуқури сейсмогенӣ, аз ҷумла аломатҳои сейсмогении ярч ва фурӯрезӣ диққати махсус дода мешавад. Таҳлили омилҳои асосие, ки ба ташаккули ярч дар минтақаи таҳқиқшаванда таъсир мерасонанд, аз ҷумла фаъолияти сейсмикӣ, сохтори хок ва шароити иқлимӣ, яке аз ҷиҳатҳои муҳими диссертацияи мазкур ба ҳисоб меравад. Ғайр аз ин, дар ин боб дар хусуси пешгӯии рушди равандҳои ярчӣ ва муайян намудани зерминтақаҳои аз ҷиҳати сейсмогенӣ фаъол низ маълумоти пурра оварда шудааст. Қайд гардидааст, ки дар асоси намудикунонии муҳандисӣ-геологии ҳудуди он имкон медиҳад, ки минтақаҳои хавфи фаъолро муайян карда, тавсияҳо оид ба муҳофизат аз ярч, фурӯравиҳо ва дигар равандҳои табиӣ таҳия карда шаванд.

**10. Мутобиқати барасмиятдарории диссертатсия ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон.** Диссертатсияи пешниҳодгардидаи Ёқубзода Шокир Абулфайз дар мавзӯи "Хусусиятҳои пайдошавии равандҳои ярчӣ дар водии рӯди Сурхоб бо

назардошти таъсироти сейсмикӣ” дар сатҳи баланди илмӣ ба анҷом расида, ба талаботи бандҳои 12, 16, 17 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, № 267 ва қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 июни соли 2023, № 295 тасдиқ шудааст, мувофиқ мебошад.

**11. Мутобиқати тахассуси илмии довталаб ба дараҷаи илмӣ.**

Тахассуси илмии довталаб Ёқубзода Шокир Абулфайз ба ихтисоси илмии дархостшаванда. 1.6.35. Геологияи инженерӣ, яхбандишиносӣ ва хокшиносӣ мувофиқат мекунад:

Мундараҷаи таҳқиқоти диссертатсия бо бандҳои 12, 16 ва 17 – шиносномаи ихтисоси мазкур мутобиқат доранд.

Банди 12. Моделсозии физикӣ, математикӣ, аналогӣ (монанд) ва дигар равандҳои геологӣ, геокриологӣ ва инженерӣ-геологӣ, пешгӯикунии инкишоф дар вақт ва фазо, арзёбӣ ва идоракунии хавфу хатарҳои геологӣ.

Банди 16. Ноҳиябандии инженерӣ-геологӣ ва геокриологии ҳудудҳо, тартиб додани харитаҳои инженерӣ-геологӣ, геокриологӣ ва асосноккунӣ барои таъиноти гуногун.

Банди 17. Системаҳои геоинформатсионӣ ва технологияҳои геоинформатсионӣ ҳалли вазифаҳои геологияи инженерӣ, яхбандишиносӣ ва хокшиносӣ мутобиқат мекунад.

Таҳқиқи дессертатсонӣ аз ин ҷиҳат қобили дастгирӣ мебошад, ки довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ дар рафти таҳқиқотҳояш вазифаҳои дар назди худ гузоштаро иҷро намудааст: омӯзиши шароитҳои геологӣ ва сейсмикии минтақа; ошкор намудани қонуниятҳои тағйирёбии муҳити геологию сейсмикии ва муқовимати онҳо ба хавфҳои табиии геологи ва таъсири фаъолияти техногенӣ; баҳодиҳии ҳолат ва тағйирёбии шароитҳоигеологи минтақа ва истифодабарии усулҳои муосир; арзёбӣ, типикунонӣ ва паҳншавии хавфҳои геоэкологии табиии минтақа ҳангоми фаъолияти техногенӣ; таҳияи чорабиниҳо оид ба коҳиш ва пешгирии хавфҳои геоэкологии минтақа.

**12. Эродҳо ва ҳолатҳои баҳсталаб доир ба диссертатсия.**

Дар диссертатсия новобаста аз оне, ки натиҷаҳои хуби илмӣ-назариявӣ ва дастоварду муваффақиятҳо ба даст оварда шудаанд, диссертатсияи мазкур аз норасоиҳо ва хатогиҳои техникие, ки хусусияти ҷузъӣ доранд орӣ нест ва камбудиҳои ҷойдошта сифати баланди илмии диссертатсияро коста намегардонад. Ин эроду камбудиҳо ва таклифотро унвонҷу метавонад дар таҳқиқоти ояндаи худ мавриди истифода қарор диҳад. Қобили қабул донистани онҳо дар таҳқиқоти ояндаи диссертант самаранок хоҳад буд:

1. Мавзуи интихобкардаи унвонҷу тамоми паҳлуҳои асосии пайдошавии омилҳои табии (геологӣ, геотектоникӣ ва иқлимӣ) – ро фаро мегирад, лек таҳлили амиқи таъсироти омилҳои антропогение чун буридани дарахтону ҷангалзор, сохтмони роҳҳо, чаронидани аз ҳад зиёди

чорво дар ҳудуди минтақаи омӯзишро метавон ба таври мукаммалтар баён дошт.

2. Оид ба эҳтимолияти фаромдани ярчҳо ва хатару ҳаҷми онҳо дар замони муосир ахбороти оморӣ хело кночиз оварда шудаанд. Дар ин ҷода унвонҷуро лозим буд, ки диққати бештар диҳад.

3. Дар диссертатсия дар хусуси мавқеи геоморфолӣ сухан меравад, лек дар ин самт харитаҳои геоморфологӣ ва нақшаҳои рушди ярчҳо оварда нашудаанд.

4. Алоқаи равандҳои замонавии ярчӣ бо дарназардошти фаъолшавии мавқеи тектоникии минтақаи омӯзиш таҳлили амиқтарро талаб мекунад.

5. Дар диссертатсия муқоисаи мавқеву ҳолати кунунии водии рӯди Сурхоб дар вобастагӣ бо дигар водиҳои кӯҳии Тоҷикистон дар хулосабарории чӣ назариявиву чӣ амалӣ бештар муфид хоҳад буд.

Автореферати диссертатсия тибқи тартиби муқарраргардида барои дарёти дараҷаи илмии номзади илмҳои геология ва минералогия аз рӯйи ихтисоси 1.6.35. Геологияи инженерӣ, яхбандишиносӣ ва хокшиносӣ барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои геологию минералогӣ таҳия гардида, дар маҷмӯъ тамоми мундариҷа ва муқаррароти асосии кори рисоларо инъикос мекунад. Хулоса бо забонҳои тоҷикӣ ва русӣ аз ҷиҳати мазмун якхела аст. Автореферат, ба талаботи тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, № 267 ва қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 23 июни соли 2023, № 295 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ мебошад.

**13. Хулосаи умумӣ оид ба диссертатсия.** Хулоса, диссертатсияи унвонҷӯ Ёқубзода Шокир Абулфайз дар мавзӯи “Хусусиятҳои пайдошавии равандҳои ярчӣ дар водии рӯди Сурхоб бо назардошти таъсироти сейсмикӣ” барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои геология ва минералогия аз рӯйи ихтисоси 1.6.35. Геологияи инженерӣ, яхбандишиносӣ ва хокшиносӣбарои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои геологию минералогӣ ба талаботи низомномаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ буда, муаллифи он сазовори дараҷаи илмии номзади илмҳои геологию минералогӣ мебошад.

дар сатҳи зарурии илмӣ анҷом ёфта, аз ҷиҳати мазмун ба талаботи мавҷуда мутобиқ мебошад.

Диссертатсия ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мувофиқат буда, муаллифи он ба дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои илмҳои геология ва минералогия аз рӯйи ихтисоси 1.6.35. Геологияи инженерӣ, яхбандишиносӣ ва хокшиносӣбарои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои геологию минералогӣ) сазовор аст.

Тақризи муассисаи пешбар дар асоси муқаррароти бандҳои 76-79 ва 81-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30.06.2021, № 267 тасдиқ гардидааст, таҳия ва пешниҳод шудааст.

Тақриз аз ҷониби номзади илмҳои геология ва минералогия, дотсенти кафедраи геоэкология ва методикаи таълими МДТ "Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи Бобоҷон Ғафуров" Ятимзода С.Б. омода гардидааст.

Тақриз дар ҷаласаи кафедраи геоэкология ва методикаи таълими МДТ "Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи Бобоҷон Ғафуров" муҳокима ва тасдиқ шудааст (протоколи № 8 аз 05.03.2026).

Дар ҷаласаи кафедра иштирок доштанд: 10 нафар.

Натиҷаи овоздиҳӣ: тарафдор - 10 нафар, зид-нест, бетараф-нест.

**Раиси ҷаласа:**
Мудири кафедраи геоэкология
ва методикаи таълим, номзади илмҳои
география, дотсент Абдуназарӣ М.К.

**Эксперт:**
Номзади илмҳои геология-
минералогия Ятимзода С.Б.

**Котиби илмии ҷаласа:**
Муовини декан оид ба илм ва инноватсияи
факултети геоэкология ва туризм,
номзади илмҳои география Аминов М. Ҳ.

Имзои Абдуназарӣ М.К., С.Б. Ятимзода ва М.Ҳ. Аминовро
тасдиқ мекунам: Сардори РК ва КМ МДТ "Донишгоҳи давлатии
Хуҷанд ба номи Бобоҷон Ғафуров" Сайдуллозода З.С.

**Суроғаи муассисаи пешбар:**
Индекс, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Хуҷанд, гузаргоҳи Мавлонбеков 1.
факс: 6-75-18; E-mail: https://www.hgu.tj rector@ hgu.tj

"10" 03 соли 2026.